

***Яке аз мухимтарин дастовардхои мо дар даврони истиклолият давлатсозӣ ва давлатдории муосири миллӣ мебошад, ки мохияти шакли хукукбунёд, ичтимоӣ ва дунявиро дорад.***

***Эмомалӣ Рахмон***

Даврони истиклолият барои мо имкони вокеӣ фарохам овард, ки рохи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро бо сӯи чомеаи демократӣ, хукукбунёд ва дунявӣ интихоб менамоем. Ин неъмати бебахо барои мо рамзи гӯёи озодии миллат, сохибихтиёрии давлат ва нишонаи равшани ватандориву ватандӯстии мо мебошад. Мо дар муддати 29 соли Истиклолият тавонистем, ки бо вучуди мушкилоту монеахои зиёд пешрафти устувори ватандориро таъмин кунем, макоми онро дар арсаи байналмилалӣ боло бардорем, пояи давлатдории мустакили худро таквият бахшем, тамоми кӯшишу талош захираву имкониятхои худро ба хотири фарохам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоистаи халки хеш равона созем. Боиси сарфарозӣ ва хушбахтист, ки сарнавишти имрӯзу фардои кишварамон дар ихтиёри худ ва хар як шахрванд и бонангу номуси миллат хастӣ ва хаёти худро ба хотири озодиву пешрафти сарзамини ачдодӣ бахшидааст. Точикистони махбуби мо махз ба шарофати истиклолият хамчун узви баробархукуки чомеаи чахонӣ эътироф гардида ва дар харитаи сиёсии чахон чун кишвари дорои низоми давлатдории муосир арзи хастӣ намуда, рохи мустакили пешрафти сиёсиву иктисодӣ ва ичтимоиву маънавиро пеш гирифта, ба мохияти озодии сухан, озодии вичдон ва гунонгунандешӣ, ки аз чумлаи асосхои давлатӣ демократӣ мебошад, эътибори чиддӣ медихад.

Ман худ як бонуи хушбахти диёр, зодаи даврони истиклол хастам. Махз бо шарофати истиклолият ва дастгириву хидоятхои падаронаи Пешвои миллат, пас аз хатми мактаби миёна тибки Квотаи Президенти Донишгохи давлатии Хучандро сарбаландона хатм намудам. Боиси хушбахтист, ки дар доираи сафари кории Пешвои миллат мӯхтарам Эмомалӣ Рахмон соли 2016 ба нохияи Зафаробод ба ман насиб гардид, ки бо Пешвои миллат хамсӯхбат бошам. Насихат ва дастурхои падаронаи Президенти кишвар, бароям руху илхоми тоза бахшида, нисбати фаъолияти хеш масъулияти зиёдро ба зиммаам гузошт. Ва дар ин чода хамаи кӯшишу щайрати хешро бахри боз хам ободу гулгулшук
ӯ
фии Ватани махбуб мегузорам.

Чавонони саодатманди диёр, Шумо ворисони бонангу номуси миллат хастед, имрӯз барои тахсил, мехнат ва фаъолият Хукумати Чумхурии Точикистон хамаи дархоро боз кардааст, аз имкониятхо истифода баред. Мо бо дарки масъулияти баланд, иродаи мустахкам, садокату мухаббати ватандорӣ, эътикод ба арзишу мукаддасоти миллӣ ва аклу заковати худ исбот намуд, ки рохи интихобкардаи мо дар масири ватансозиву ватандорӣ дуруст мебошад. Мо давом дихандагони кору фаъолияти насли калонсолон, нерӯи тавоно ва иктидори вокеии пешрафти чомеа, хулоса ояндаи давлат буда, фарохам овардани шароити мусоид барои фаъолияти мо чавонон минбаъд низ хамчун яке аз масъалахои мухимтарини сиёсати Хукумат бокӣ мемонад.

Зиндаву поянда бод Истиклолияти давлатӣ Чумхурии Точикистон.

**Мудири шуъбаи кор бо занони**

**КИ ХХДТ дар нохияи Зафаробод**

**Зулфикорзода Заррина**